«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
С. Айнӣ д.и.ф., профессор
____________Ибодуллозода А. И.
«_2_» _12_______ 2022 с.

# ХУЛОСА

**Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти иборахои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ**

Диссертатсия дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02. 01.- Забони тоҷикӣ

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз суратҷаласаи №11, аз 28.06.2022 гузаронида шудааст.

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Диссертатсия бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” марбут буда, масоили гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва таҳқиқи он дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои кунунӣ маҳсуб меёбад.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Диссертатсия дар сатҳи хуб таълиф гардида, ба талаботи кори диссертатсионӣ комилан мувофиқ аст. Автореферат ва 9 мақолаи чопнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи умумии мақолаҳои чопшудаи диссертант 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федетарсияи Россия ба табъ расидаанд.

**[1-М].** Иброимова Г.Н. Нақши артикли номуайянии "-е" дар ташаккули ибораҳои изофӣ ( дар мисоли «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-2019.- № 2 (79) - С. 83-86.

**[2-М].** Иброимова Г. Н. Мавқеи ибораҳои исмии изофӣ дар насри суннатии тоҷик (дар мисоли «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-2019.-№ 3 (80) - С. 74-80.

**[3-М].** Иброимова Г. Н. Ибораҳои изофӣ ва муродифоти онҳо бо қолабҳои дигари наҳвӣ (дар заминаи маводи «Чор дарвеш») / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон.-2019.-№ 7. - С. 47-51.

**[4-М].** Иброимова Г.Н. Муродифоти як қолаби ибораи исми изофӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2019.- № 2 (256). - С. 166-170.

**[5-М].** Иброимова Г.Н. Муродифоти ибораҳои сифатӣ, шуморавӣ ва ҷонишинӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-2021. № 6 (95) - С. 70-73.

**[6-М].** Раҳматуллозода С. Р., Иброимова Г. Н. Муродифоти қолабҳои аслӣ ва ҳосила (дар асоси маводи "Чор дарвеш") / С. Р. Раҳматуллозода, Г. Н. Иброимова // Суханшиносӣ маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ -2022 № 2 –С. 34-39.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

**[7-М].** Иброимова Г. Н. Муродифори ҷумлаҳои тасдиқӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов.- Душанбе-2020. - С. 338-342.

**[8-М].** Иброимова Г. Н. Муродифори ҷумлаҳои содаи инкорӣ дар «Чор дарвеш» / Н. Г. Иброимова // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба

муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов.- Душанбе-2020. - С. 378-384.

[9-М]. Иброимова Г. Н. Бо ҳиссачаҳо ифода ёфтани пурсиш дар ҷумлаҳои содаи инкорӣ дар асоси маводи “Чор дарвеш”/ Н. Г. Иброимова //ДДОТ ба номи С. Айнӣ . Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-уми феврал) дар мавзуи “Истиқлолияти давлатӣ ва рушди забони модарӣ” (18-уми феврали соли 2022).-Душанбе-2022.- С.100-102.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар ҳамоишҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯро метавон ҳангоми пажуҳиши хусусиятҳои забонии осори классикӣ ва адибони дигар истифода кард. Ҳамчунин, унвонҷӯ дар асоси насри ривоятӣ масъалаҳои назарӣ ва усулҳои калимасозии забони адабии муосири тоҷикро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он метавонанд, дар омӯзиши насри класикии тоҷикӣ ва дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ аз фанни забони адабии ҳозираи тоҷик (наҳв) мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаи диссертатсияи мазкурро, ҳамчунин дар курсҳои махсуси наҳви забони тоҷикӣ метавон истифода кард.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Мавзуи мазкур бори аввал дар забоншиносии тоҷик, мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Баррасии муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” аз аҳамияти назарию амалӣ бархӯрдор мебошад.

Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ. Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои унвонҷӯ илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 021 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29.11. 2022, № 4 қабул шудааст.
Иштирок доштанд: 20 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-20 нафар, “зид” нест, “бетараф”- нест.
Протоколи № 4 аз 29.11.2022.

**Раисикунанда:** раиси Шурои олимони факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор — Восиева Р. Қ.

**Муқарризони холис**:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Гадоев Н.
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои ДДТТ ба номи академик М. Осимӣ — Темурова М.

**Котиби ҷаласа:** котиби Шурои олимони факултети филологияи тоҷик, доктори фалсафа (PhD) — Юсупов Ш.

Имзоҳои Восиева Р. Қ., Гадоев Н ва Юсупов Ш.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел: +992 (37) 224 13 83
E- mail:info@ tgpu.tj

Имзои Темурова Момагулро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ ба номи академик М. Осимӣ, — Шарипова Д. А.